«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ

__________ Ниёзӣ С.Р.
26 июни соли 2025

**ХУЛОСАИ**

шуъбаи педагогика, психолгия ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Амонов Салохудин соли 1978 факултаи филологияи тоҷики Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси мутахассиси забон ва адабиёти тоҷик (филолог) хатм кардааст (диплом УДТ № А-1№934170).

Дар давоми омадасозии диссертатсия Амонов Салохудин унвонҷӯйи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамзамон ба ҳайси мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим фаъолият намудааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм – «5» (аъло) – 18.05.2021.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – «4» (хуб) – 13.11.2021.

Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ,( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) – «5» (аъло) – 08.12.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №846 аз 05.02.2025 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қодиров Бахтиёр Розиқович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсиоиии МДТ “Дониишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино”

Диссертатсияи Амонов Салохудин дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир – худшиносии миллӣ равона гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Раҳимзода Х.,- д.и.п., ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи талими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Шербоев С. - д.и.п., узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Маҳкамов Д, - н.и.п. мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, тақризҳои худро пешниҳод намуданд.

Раискунанда суханро барои маъруза ба довталаби дараҷаи илмӣ Амонов Салохудин доданд. Довталаб дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки ташаккули муносибати огоҳонаи хонандагон ба мероси фарҳангӣ, анъана ва арзишҳои таърихии онҳо на танҳо як қисми раванди тарбия, балки заминаи тарбияи шаҳрванди комилҳуқуқи кишвар мебошад. Дар ин раванд маҳфилҳо нақши муҳим доранд, ки ба таҳкими ҳувийяти миллӣ тавассути донистани фарҳанг ва забони модарӣ мусоидат мекунанд. Муваффақият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва касбӣ камолоти шахсии ҳар як фардро муайян менамояд.

Яке аз роҳҳои самараноки татбиқи ин ҳадаф ташкили маҳфилҳое мебошад, ки ба омӯзиши анъанаҳо, адабиёт ва таърихи миллӣ нигаронида шудаанд. Яке аз чунин мисолҳо маҳфили «Шоҳномахонӣ» мебошад, ки ба омӯзиши амиқ ва маъмулгардонии мероси фарҳангӣ, эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ва адабиёти классикӣ равона шудааст.

Дохил кардани унсурҳои мероси фарҳангӣ ва таърихӣ ба таҳсилоти мактабӣ ба ҷавон кумак мекунад, ки дар бораи мақоми кишвар ва нақши миллати худ дар ҷаҳони муосир тасаввуроти ҳамаҷониба пайдо кунад ва эҳтирому қадр кардани гуногунии фарҳангҳои дигарро омӯзад.

Ташаккули худшиносии миллии хонандагон мавзуи муҳиммест, ки дар педагогика, психология, фарҳангшиносӣ ва ҷомеашиносӣ фаъолона омӯхта мешавад. Худшиносии миллии хонандагон ҷанбаҳоеро ба монанди тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, дарки ҳувийяти этникӣ ва рушди сифатҳои шаҳрвандӣ дар бар мегирад.

Худшиносии миллии хонандагон ташаккули мураккаби шахсият мебошад, ки дар чорсӯйи баҳамоии омилҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогӣ сурат гирифта, ҳисси мансубият ба миллати худ, донистани таърих, фарҳанг ва забони он ва муносибати боэҳтиром ба фарҳангҳои дигарро дар бар мегирад.

Худшиносии миллӣ сифати интегралии шахсиятро дар бар мегирад, ки дорои дарки мансубият ба ҷомеаи муайяни этникӣ ва фарҳангӣ, донистани забони модарӣ, анъанаҳо, таърих ва арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Дар заминаи фалсафӣ ва иҷтимоӣ он равандҳои муайян кардани шахсиятро бо миллат инъикос мекунад ва дар педагогика тавассути тарбияи мақсаднок, фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоикунонии хонандагон ташаккул меёбад. Таъсири механизмҳои тарбиявӣ, аз ҷумла таҷрибаҳои фарҳангӣ, машғулиятҳои беруназсинфӣ ва фаъолиятҳо дар асоси рамзҳои миллии фарҳангӣ дар синни мактабӣ аҳамияти махсус дорад.

Ташаккули худшиносии миллии хонандагон як ҷанбаи муҳимми раванди таълим мебошад, ки ба ташаккули малакаҳои шахсӣ ва байнишахсӣ, ки барои иҷтимошавии бомуваффақият, муошırати самарабахш бо дигарон ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёт заруранд, мусоидат мекунад.

Ташаккули худшиносии миллӣ талошҳои ҳамоҳангшудаи мактаб, оила ва муҳити иҷтимоию фарҳангиро талаб мекунад. Дар муассисаи таълимӣ бояд муҳите ташкил карда шавад, ки омӯзиши забони модарӣ, анъанаҳои миллӣ, рамзҳо ва санъатро дастгирӣ кунад. Самаранокии маҳфил бо иштироки фаъолонаи падару модарон меафзояд: чорабиниҳои муштарак, дарсҳои маҳорат, ҷашнҳои фолклорӣ робитаҳои байни наслҳоро тақвият медиҳанд ва дар кӯдакон ҳувийяти устувори этнофарҳангиро ташаккул медиҳанд. Ҳамкории оила ва мактаб омили муҳимми муттаҳидсозии раванди таълим ва баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон мебошад.

Ҳувийяти миллӣ яке аз ҷузъҳои ҳувийяти шахс аст, ки бо мансубияти ӯ ба миллат, фарҳанг ё кишвари муайян робита дорад. Ин хислати фитрии шахсият нест, балки аз огаҳӣ аз фарҳангу забон ва таърихи муштарак бо гурӯҳи муайяни мардум сарчашма мегирад. Ба миллатҳо тақсим шудани инсоният як раванди табиӣ ва мантиқист. Ҳар як миллат дорои вижагиҳои хос ва ҳувийяти муайяне мебошад.

Худшиносии миллӣ маҷмуи назару арзёбиҳо, афкор ва муносибатҳоест, ки мазмун, сатҳ ва хусусиятҳои ақидаи аъзои як ҷомеаи миллиро оид ба таърих, ҳолати имрӯза ва дурнамои ояндаи рушди он, инчунин ҷой дар байни дигар ҷамоатҳои шабеҳ ва хусусияти муносибатҳо бо онҳо ифода менамояд. Ҷузъиёти мантиқӣ (дарки воқеии мансубияти шахс ба миллат, халқ) ва қисман, то андозае эмотсионалӣ (баъзан, ҳамдардии бешуурона ба ягонагӣ бо дигар намояндагони гурӯҳи миллӣ-этникӣ)-ро дар бар мегирад.

Худшиносии миллӣ ин дарки шахс аз мансубият ба қавми муайян, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои кишвари худ мебошад. Дар шароити

ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии фарҳангии халқҳои гуногун дар дили хонандагон бедор кардани ҳисси ифтихор аз фарҳангу таърихи худ муҳим аст.

Адабиёт василаи тавонои ташаккули ҳувийяти миллии хонандагон аст. Адабиёти классикӣ руҳияи халқ, сарватҳои таърихию фарҳангии онро инъикос мекунад. Тавассути асарҳои адибони маъруф хонандагон дар ҷаҳоне ғарқ мешаванд, ки метавонанд бубинанд, то таърихи миллат чӣ гуна ташаккул ёфтааст, барои аҷдоди онҳо кадом ормонҳо ва арзишҳо муҳим буданд. Ҳамин тариқ, адабиёт на танҳо як роҳи интиқоли дониш, балки василаи муҳимми ташаккули ҳувийяти миллию фарҳангӣ мегардад.

Мисол: Мутолиаи асарҳои адибон аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Аҳмади Дониш, Айнӣ ва амсоли инҳо ба хонандагон кумак мекунад, то бидонанд, ки дар ин асарҳо чӣ воқеаҳои таърихию фарҳангӣ инъикос ёфтаанд, инчунин ҳисси эҳтиром ва ифтихор нисбат ба фарҳанг дар онҳо ташаккул меёбад. Омӯзиши фолклор, афсона ва ривоятҳои мардумӣ низ унсури муҳимест, ки мероси фарҳангии мардумро ҳифз намуда, ба наслҳо мерасонанд.

Ҳамин тариқ, маҳфилҳои адабӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши асосиро мебозанд. Онҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки аҳамияти мероси миллиро дарк намоянд ва ба ватандӯстию муҳаббат ба фарҳанг мусоидат кунанд. Дастгирӣ ва рушди чунин маҳфилҳо дар ташаккули насли аз ҷиҳати маънавӣ бой ва аз ҷиҳати иҷтимоъӣ масъулиятнок қадами муҳим мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** – ба таври назаривию озмоишӣ асоснок намудани моделӣ ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ».

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Муайян кардани ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогии мафҳуми худшиносии миллӣ.

2. Асоснок намудани чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

3. Асоснок намудани маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

4. Таҳияи модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон таваvссути маҳфилҳои “Шоҳномахонӣ”.

5. Собит намудани муҳити таълимӣ ҳамчун омили ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

6. Дақиқ намудани самаранокии чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

7. Асоснок намудани таъсири ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ».

8. Ба таври озмоишӣ тасдиқ намудани самаранокии модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ».

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- 1. ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогии мафҳуми худшиносии миллӣ муайян карда шудаанд;
- чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон асоснок карда шудаанд;
- маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон асоснок карда шудаанд;
- модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тававссути маҳфилҳои «Шаҳномахонӣ» таҳия карда шудааст;
- муҳити таълимӣ ҳамчун омили ташаккули худшиносии миллии хонандагон собит карда шудааст;
- самаранокии чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дақиқ карда шудааст;
- таъсири ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» асоснок карда шудааст;
- ба таври озмоишӣ самаранокии модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» тасдиқ карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз таҳлили маълумоти адабиёт, масъалагузорӣ ва ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ, омода намудан ва гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ ва машғулиятҳои беруназсинфию маҳфилҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола иборат аст. Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо якпорчагии сохтори рисола тасдиқ гардида, дар шакли робитаи мутақобила оварда шудаанд ва метавонанд дар таҳқиқоти назариявӣ ва моделсозӣ, коркарди оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми арзанда гузоранд.

Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва дар шакли маҷмуи барномаҳои таҳияшуда асоснок ва тасдиқ карда шудаанд.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризон Раҳимзода Х. – д.и.п., ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи талими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Шербоев С. - д.и.п., узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Маҳкамов Д, - н.и.п. мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия, заҳматҳои унвонҷӯ изҳори назар намуда, қайд карданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, пажӯҳиши назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу равишҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ тавассути баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Амонов Салохудин мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он унвонҷӯй ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷӯ мазмуни рисоларо фаро мегиранд.:

[1-М] **Амонов С.** Пайванди Наврӯз ва ҳувийяти миллӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Матн] / С. Амонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2013. №3/2 (108). - С.174-180. ISSN 2074-1847.

[2-М] **Амонов С.** Нақши Дирафши ковиён дар пирӯзиҳои эрониён. [Матн] / С. Амонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2013. №3/3 (112). - С.264-271. ISSN 2074-1847.

[3-М] **Амонов С.** Рисолати Наврӯзи байналмилалӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2019. №1. - С.83-87. ISSN 2222-9809.

[4-М ] **Амонов С.** Зиндагии Фирдавсӣ ҳамоса аст. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2019. №1 (25) - С.73-77. ISSN 2617-5320.

[5-М] **Амонов С.** Нигоҳи Фирдавсӣ ба сухан ва одоби сухангӯйӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №2 (30). - С.210-213. ISSN 2617-5320.

[6-М] **Амонов С.** Тасвири ҷашни «Сада» дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2023. №4 (44). - С.5-10. ISSN 2617-5320.

[7-М]**Амонов С.** Накӯҳиши нодонӣ дар «Шоҳнома»-Фирдавсӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2019. №3 (32) - С.31-35. ISSN 2222-9809.

[8-М] **Амонов С.** Парвариш ва омӯзиши фарзанд аз нигоҳи Фирдавсӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024. №2 (46). - С.108-112 . ISSN 2617-5320.

[9-М] **Қодиров Б.Р., Амонов С.** Бозтоби ҳувийяти миллӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024. №4 (48 ). - С.5-10. ISSN 2617-5320.

[10-М] **Амонов С.** Нақши шоҳномахонӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №2 (50) - С.95-101. ISSN 2617-5320.

[11-М] **Амонов С.** Моҳияти тарбияи ҳувийяти миллӣ дар ташаккули арзишҳои миллии хонандагон (дар пояи пажӯҳиши илмии амаливу назариявӣ, дар мисоли муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 5-и шаҳри Ҳисор). Натиҷаҳои таҳқиқот. [Матн] / С. Амонов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №1. - С.167-171. ISSN 2617-5320 (дар ҳаммуаллифӣ).

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда муваффақ шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи илмии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 25-уми июни соли 2025, суратҷаласаи №10 қабул гардидааст, ки дар он аз узви шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Раҳимзода Х. – д.и.п., профессор ва Гулмадов Ф. – д.и.п. иштирок намуданд.

Дар ҷаласа 10 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 10 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, д.и.п., профессор Л.М. Иматзода

Котиби ҷаласа н.и.п. Г. Ҷонмаҳмадова

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов 11/2. Тел.: (+992-32) 227 45 25, 227 46 00. E-mail: prmatt@maorif.tj.

*Имзои Л.М.Иматзода ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям:*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова